**Стратегияи ҳамкории Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ бо Тоҷикистон барои солҳои 2026–2031**
**Хулосаи машваратҳо бо шарикони рушд (донорон, созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи рушд)**

**26 январи соли 2026**
**Маркази тиҷоратии “Созидание”, маҷлисгоҳи ошёнаи 2-юм, ш. Душанбе**

Машваратҳо оид ба **Стратегияи ҳамкории Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ бо Тоҷикистон барои солҳои 2026–2031**, ки аз ҷониби Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ пешниҳод карда шуд, бо шарикони рушди фаъол дар Тоҷикистон ва иштироки намояндагони як қатор созмонҳо баргузор гардиданд (нигаред ба Замима). Иштирокчиён дар мавриди афзалиятҳои Стратегияи ҳамкорӣ, самтҳои ислоҳот, камбудиҳо дар корҳои таҳлилӣ ва эҳтиёҷот дар ҳамоҳангсозӣ фикру андешаҳо ва тавсияҳои худро пешкаш намуданд.

**<u>Масъалаҳои асосии баррасишуда:</u>**

**Сифати маълумотҳо, нобаробарии минтақавӣ ва рушд дар сатҳи зермиллӣ**

Шарикон мушкилиҳои алоқаманд бо дастрасии маҳдуди маълумотҳои муфассали баландсифатро таъкид намуданд ва қайд карданд, ки аксари маҷмӯи маълумотҳо барои қабули қарорҳо дар соҳаи рушд куҳна боқӣ мемонанд ё сифати начандон баланд доранд.

Ҳозирин нигарониҳои худро дар мавриди рушди нобаробари минтақаҳо ва тамаркузи сармоягузориҳо дар шаҳри Душанбе иброз доштанд; шарикон ба таваҷҷуҳи бештар ба минтақаҳои ақибмонда ва таъмини рушди нисбатан мутавозини минтақавӣ даъват намуданд. Бо вуҷуди ин бояд тазаккур дод, ки аз сабаби хароҷоти баланд барои инфрасохтор дар ноҳияҳои дурдаст “сармоягузорӣ ба одамон” одатан қадами аввал дар паиҳамии чораҳо маҳсуб меёбад.

**Сармояи инсонӣ, ҷавонон, сифати таҳсил ва баробарии гендерӣ**

Иштирокчиён сохтори демографии Тоҷикистонро (ҳиссаи калон ва афзояндаи кӯдакон ва ҷавонон) ва зарурати нигоҳ доштан ва тақвиятдиҳии сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, бахусус дар инкишофи барвақти кӯдак, таъкид намуданд.

Пас аз вусъатдиҳии назарраси дастрасӣ ба таҳсил баланд бардоштани сифати он ҳамчун вазифаи муҳимтарин эътироф гардид. Зарурати истифодаи фаъолтари воситаҳои рақамӣ низ таъкид карда шуд, ки ин маънои бунёди инфрасохтори дахлдор, ба монанди шабакаҳои рақамӣ ва барқтаъминкунии боэътимодро дорад.

Шарикон равона сохтани талошҳои таъминоти шуғл ва натиҷаҳои сармоягузориҳои хусусӣ ба дохилшавии ҷавонон ба бозори меҳнат, баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо, рушди малакаҳо, вусъатдиҳии имкониятҳо барои духтарон ва занони ҷавон, аз он ҷумла коҳишдиҳии шумораи духтарон ва занҳои ҷавон дар категорияи NEET қарорёфтаро (нафароне, ки дар таҳсил, шуғл ё омодагии касбӣ иштирок надоранд) тавсия доданд.

Масъалаи гендерӣ ҳамчун як масъалаи трансформатсионӣ, ки тағйироти сохторӣ ва пайгирии пештрафтро талаб мекунад, таъкид гардид.

**Ислоҳоти идораи давлатӣ ва зарфияти ниҳодӣ**

Шарикон аҳамияти ислоҳоти идораи давлатиро барои нигоҳдории хизматчиёни давлатии соҳибихтисос ва роҳбарон, аз он ҷумла дар манотиқи деҳот, ҳамчун замина барои гузаронидани ислоҳот ва пешниҳоди хизматрасониҳо таъкид карданд. Ислоҳот дар сатҳи мақомоти иҷроия дар маҳал ва ғайримутамарказгардонӣ ҳамчун омилҳои муҳим барои беҳтар намудани хизматрасониҳо қайд шуданд. Аммо барои расидан ба ин ҳадаф, тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ғайримутамарказгардонии шартӣ якҷо бо таҳкими низоми идоракунии молиявии давлатӣ ва зарфият дар сатҳи маҳаллӣ аҳамияти хеле калон дорад.

**Амнияти озуқаворӣ, тағйирёбии иқлим, муҳити зист ва об**

Шарикон аҳамияти амнияти озуқаворӣ ва ғизоро таъкид намуда, осебпазирии идомаёбандарро дар ин соҳаҳо қайд карданд. Онҳо инчунин тағйирёбии иқлим ва бадшавии ҳолати муҳити зистро, ки пайомадҳои ҷиддии молиявӣ доранд, ҳамчун масъалаҳои байнисоҳавӣ қайд намуданд ва пурсиданд, ки чӣ тавр ин масъалаҳо берун аз соҳаи энергетика инъикоси худро меёбанд; таъкид гардид, ки масъалаи об ҳам иқлим ва ҳам амнияти озуқавориро фаро мегирад.

Иштирокчиён ба таҳлили фаъолтару муштарак ва истифода аз гузоришҳои калидӣ (маслан Гузориш дар бораи иқлим ва рушди кишвар (CCDR), таҳлили сифати ҳаво) ҳангоми қабули қарорҳои стратегӣ ва сармоягузорӣ даъват намуданд.

**Энергетика ва идоракунии хавфҳо дар НБО-и Роғун**

Иштирокчиё пурсиданд, ки бо дарназардошти аҳамияти миллӣ ва минтақавии НБО-и Роғун чӣ гуна ба амнияти энергетикӣ дар стратегия афзалият дода мешавад. Онҳо таъкид бар он доштанд, ки муваффақияти лоиҳа аз суботи макрофискалӣ, стандартҳои боэътимоди идоракунии корпоративӣ ва идоракунии оқилонаи даромадҳо вобастагӣ дорад. Онҳо маълумоти муфассалро дар бораи тадбирҳои коҳишдиҳии хавфҳо дархост намуданд ва дар бораи роҳҳои ҳалли масъалаҳои вобастагии мутақобила минтақавӣ пурсиданд, зеро дар оянда қисми қобили таваҷҷуҳи нерӯи барқи дар НБО-и Роғун истеҳсолшуда бояд ба кишварҳои ҳамсоя содирот шавад. Онҳо инчунин нисбати ба инобатгирии ин омилҳои минтақавӣ дар стратегия ва дар сиёсати ҳукумат таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

**Муҳити соҳибкорӣ, санҷишҳо/иҷозатномагирӣ, андозбандӣ ва мушкилиҳо барои корхонаҳои хурд ва миёна (КХМ)**

Шарикон қайд карданд, ки корхонаҳои хурду миёна бо талаботҳои зиёди алоқаманд бо иҷозатномагирӣ, санҷишҳои мунтазам аз ҷониби идораҳои мухталиф ва монеаҳои маъмурӣ, ки раванди рушди корхонаҳоро бозмедоранд, рӯ ба рӯ мешаванд.

Ислоҳоти андоз низ ҳамчун вазифаи доимӣ арзёбӣ гардид ва бо дарназардошти саҳми ГБҶ ҳам барои сармоягузорони хориҷӣ ва ҳам дохилӣ шарикон онро ба идомадиҳии иштироки худ дар ин раванд даъват намуданд.

**Шаклҳои ҳамоҳангсозӣ ва барномарезии минтақавӣ**

Шарикон таваҷҷуҳи махсусро ба ҳамоҳангсозӣ истиқбол намуд, омодагии худро ба таҳкими минбаъдаи он (инчуни тавассути гуруҳҳои кории Шӯрои ҳамоҳангсозии рушд (ШҲР)) иброз доштанд.

Рушду инкишофи ҳамкории минтақавӣ, аз он ҷумла истифодаи механизмҳои минтақавӣ барои ҳалли мушкилиҳои фаромарзӣ тавсия дода шуд. Интиқоли маблағҳои пулӣ ва вобастагӣ аз муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун осебпазирии макроиқтисодӣ муҳокима шуданд, дар ҳоле ки шарикон ба доштани дидгоҳи воқеъбинона нисбати вақти зарурӣ барои ҷойгузин намудани даромадҳои муҳоҷират аз ҳисоби таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар дохили кишвар даъват намуданд.

**Шартҳои маблағгузорӣ ва дурнамои тақсимоти маблағҳо**

Кормандони ГВҶ гузариш аз маблағҳои грантӣ ба шартҳои қарздиҳии АБР ҳамчун гузариши ба қоидаҳо асосёфта шарҳ доданд, ки он бо нишондиҳандаҳои ҳаддии даромад алоқаманд мебошад. Инчунин қайд гардид, ки қарзҳо дар муқоиса бо имкониятҳои қарзгирӣ дар бозор хеле имтиёзнок боқӣ мемонанд (пешниҳоди муҳлатҳои тӯлонии пардохт ва давраҳои имтиёзнок). Намояндагони Гуруҳи Бонки ҷаҳонӣ қайд намуданд, ки ҷудокунии маблағ тибқи ҳуҷҷати Сиёсат ва арзёбии институтсионалӣ дар кишвар (CPIA) ва натиҷаҳои татбиқсозӣ (аз он ҷумла эҳтимолияти аз нав тақсим кардани маблағ ба манфиати кишварҳои дорои нишондиҳандаҳои баланд) муайян мегардад.

**Равиши ‘аввал ислоҳот, баъд сармоягузориҳо’ ва истифодаи воситаҳо**

Намояндагони ГБҶ аҳамияти амалиётҳо дар самти сиёсати рушдро (DPO) ҳамчун омили пешбарандаи ислоҳот таъкид намуданд. Инчунин қайд гардид, ки Барномаи ба натиҷаҳо нигаронидашуда (PforR) ҳамчун воситаи пайвандкунандаи ҷудокунии маблағ бо натиҷаҳои тасдиқшуда ва ҳавасмандгардонии тағйирёбии рафтор бештар истифода мешавад. Дар робита бо ислоҳот дар соҳаи идораи давлатӣ ва бахши давлатӣ Бонк гузаришро аз маблағгузории истисноии низомҳои ТИ ба равишҳои ба натиҷаҳо асосёфта, ки бо нишондиҳандаҳои бахшҳо алоқаманданд (масалан, нишондиҳандаҳо дар соҳаи тандурустӣ/маориф), дар якҷоягӣ бо ислоҳот дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ тавсиф дод.

**Ҳамоҳангсозӣ ва истифодаи маводҳои таҳлилӣ дар амал**

Бонк бори дигар омодагии худро барои қабули пешниҳодҳо дар мавриди шаклҳои ҳамоҳангсозӣ таъкид намуд ва шариконро барои ҳамкорӣ бо намояндаи доимӣ дар кишвар даъват кард. Истифодаи гуруҳҳои кории ШҲР барои ҳамоҳангсозии натиҷаҳои статегияи ҳамкорӣ, ба даст овардани ризояти умумӣ дар бораи ислоҳоти афзалиятнок ва ҳамоҳангсозии сармоягузориҳои минбаъда (“аввал ислоҳот, баъд сармоягузориҳо”) пешниҳод гардид. Намояндагони ГБҶ қадамҳои минбаъдаро дар раванди таҳияи стратегия муайян намуданд. Машваратҳо бо иштироки ҳукумат, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар тарафҳои манфиатдори калидӣ идома доранд.

**Замима:**

| **Шумораи иштирокчиён:** | **Созмонҳои иштироккунанда:** |
|---|---|
| **32 нафар** | • **Бонки Осиёгии Рушд (БОР)**<br>• **Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР)**<br>• **Фонди Авруосиёи устуворӣ ва рушд (ФАУР)**<br>• **Сафорати Олмон**<br>• **Сафорати Иёлоти Муттаҳида**<br>• **Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА)**<br>• **Созмони байналмилалии муҳоҷират (СБО)**<br>• **Вазорати корҳои хориҷӣ оид ба корҳои иттиҳод ва рушд (FCDO)**<br>• **Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ (SCO)**<br>• **Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА)**<br>• **Дафтари намояндаи доимии СММ**<br>• **Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ)**<br>• **Барномаи рушди СММ (UNDP)**<br>• **Созмони ҷаҳонии озуқаворӣ (СҶО)** |